**СУРАТМАҶЛИСИ № 21**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002**

**10 апрели соли 2020** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, № 133 тасдиқгардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Ғаюров Ш.К. аъзои комиссияи ташхис Муртазозода Ҷ.С. ва Сангинов Д.Ш. баромад намуданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

– Сидиқов Дилшод Аҳрорович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 15 сентябри соли 2020, соати 14:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У. А.**